**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ. –Бохтар, 2020. –72 с.**

Дар сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ таърихи бойи халқи тоҷик таҷассум ёфта ва ба шарофати меҳнати бисёрсолаи муҳаққиқон, ки матнҳои сарчашмаҳои асримиёнагиро дақиқона таҳлил намудаанд, равшан гардидаанд. Аммо то ба имрӯз баъзе муаммоҳои таърихи ватанӣ ҳанӯз норавшан боқӣ мондаанд. Мавзӯи таҳқиқотии Садриддини Айниддин, ки ба омӯзиши шахсияти яке аз сиёсатмадорони барҷастаи асримиёнагӣ – Низомулмулк ва асари ӯ "Сиёсатнома", ки ҳамчун дастурамал барои султонҳои Салҷуқӣ хизмат мекард, мубрам буда, интихоби чунин мавзӯъ қобили дастгирист.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф тавонистааст мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намояд, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки шахсияти Низомулмулк ва асари ӯ «Сиёсатнома» бо паймонаҳои мухталиф дар онҳо инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд, асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ диҳад.

Муаллиф дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзӯи таҳқиқотиро муайян намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия муаллиф фаъолияти Низомулмулкро ҳамчун вазири давлати Салҷуқиён ба риштаи таҳқиқ кашида, оид ба саҳми ӯ дар ба сомон расонидани корҳои давлатӣ ва ба давлати мутамарказ табдил ёфтани империяи Салҷуқиён баҳои баланд медиҳад. Аз ҷумла дар ин боби диссертатсия таърихи таълиф шудани асари Низомулмулк – "Сиёсатнома" ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, он ҳамчун дастур барои корҳои идоракунии давлатӣ арзёбӣ гардидааст. "Сиёсатнома" ба забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф шудааст ва аввалин касе, ки ба муҳтавои он ошноӣ ҳосил намудааст, султон Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) буд. Муаллиф ба ин далел такя намуда, менависад: "нахуст Маликшоҳи Салҷуқӣ бо

забони тоҷикӣ-форсӣ ошноии комил доштааст ва дувум забони муоширати дарборӣ Салҷуқиён тоҷикӣ-форсӣ будааст”.

Дар автореферат боби дуюми диссертатсия низ муфассал шарҳ ёфта, ба таърихи пайдоиши Низомияҳо, ки онҳо бо дастури Низомулмулк таъсис ёфта буданд, бахшида шудааст. Муаллиф ба таърихи пайдоиши аввалин мадрасаҳо ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ гузори таърихӣ намудааст. Дар ин замон аз ҳама Низомияи машҳур ин Низомияи Бағдод буд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки яке аз мақсадҳо аз таъсис додани Низомияи Бағдод ин бурдани мубориза̄и ғоявӣ бо хилофати Фатимиёни Миср ва маркази таблиғотии онон – Ҷомеъ-ул-азҳар буд.

Мухтавои автореферати диссертатсияи Садриддини Айниддин аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи муаллиф дорои пояи илмӣ, гузориши мантиқии масъалаҳои омӯзиш, мувофиқати номгузории бобҳо ва зербобҳо бо матн, асоснок будани хулосаҳои диссертант мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён», ки мазмуни он дар автореферат инъикос ёфтааст, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботҳои КОА назди дастгоҳи президенти ҶТ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Мирпочоев И.

25.11. 2020 с.

Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр., дом 1
Тел:+99292 788 98 19